# ПРОТОКОЛИ №133-ИҲ

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

аз 28 майи соли 2026 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 13 нафар аъзои шурои якдафъаина
11 нафар.

**Раиси шуро:** Аз 13 нафар ҳайати шурои диссертатсионии якдафъаина, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.12.2025, №472/ҳя тасдиқгардидааст, 11 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 6 нафарашон доктoрони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шурои диссертатсионӣ гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест.

Пешниҳод якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимояи якдафъаина иҷозат додани диссертатсияи Қаюмзода Абдулмаъин Ҷумъахон дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ – методологии ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ (дар мисоли факултетҳои ғайрифилологӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. - Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (5.3.10.9. - Назария ва технологияи таълими забонҳои хориҷӣ).

## ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ Лутфуллозода Муҳаммад ва аъзои комиссия Рӯзиева Лола Толибовна оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Қаюмзода Абдулмаъин Ҷумъахон дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ – методологии ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ (дар мисоли факултетҳои ғайрифилологӣ)» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимояи якдафъаина қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Қаюмзода Абдулмаъин Ҷумъахон дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ – методологии ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ (дар мисоли факултетҳои ғайрифилологӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи

таҳсилоти касбӣ (5.3.10.9. – Назария ва технологияи таълими забонҳои хориҷӣ) пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Қаюмзода Абдулмаъин Ҷумъахон дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ – методологии ташаккули шавқмандии маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ (дар мисоли факултетҳои ғайрифилологӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (5.3.10.9. – Назария ва технологияи таълими забонҳои хориҷӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

– Умаров Абдураҳмон Саидаҳмадович – доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷӣ ва робитаҳои байнифарҳангии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон»;

– Юлдошева Мавҷуда Раҳматовна – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи санъатшиносӣ ва назарияи мусиқии Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирз о Турсунзода»;

– Абдуллоева Меҳриниссо Абдуғаффоровна – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ, декани факултети забонҳои хориҷии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров».

3. Ба сифати муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» таъйин гардад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаи шурои диссертатсионии назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимояи якдафъаинаи диссертатсия 03 сентябри соли 2026, соати 13 :00 муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 10 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест.
**Қарор якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ Сафаров Ш.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ Муҳиддинзода Б.

*“Имзои Сафаров Ш.А. ва Б. Муҳиддинзодаро тасдиқ мекунам”*

Нозири кадр ва коргузории АТТ М. Саидова

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ